# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ). – Душанбе, 2026.**

Журналистика ҳамбастагии фаъолияти васоити ахбори омма бо воқеияти замонро мавриди баррасӣ қарор дода, барои дарки муаммоҳои касбию илмӣ мусоидат менамояд. Журналистика дар замони муосир барои дигаргунсозии тафаккури омма беш аз ҳар соҳаи дигар қудрат дошта, дар шаклгирии шуури ҷамъиятӣ нақши муассир мегузорад ва дар тавсеаи имиҷи кишварҳо, муаррифии миллатҳо ва инъикоси ҳаёти байналхалқӣ ба василаи асосӣ табдил ёфтааст. Илова бар ин, таҳқиқи фаъолияти васоити ахбори оммаи байналхалқӣ имкон медиҳад, ки самтҳои фаъолият ва нақши онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ муайян гардида, ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии олам мушаххас гардад. Пажӯҳиши Анҷум Маҳмуд Аҳмад маҳз ба таҳқиқи ҳамин масоили муҳим иртибот дошта, дорои аҳаммияти баланди назарӣ ва амалӣ дар самти журналистикаи байналхалқӣ мебошад.

Дар диссертатсия дар баробари таҳлили фаъолияти ширкати байналхалқии радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», баррасии авзои Осиёи Марказӣ, махсусан, бозтоби рӯйдодҳои Тоҷикистон дар он мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Диссертант Анҷум Маҳмуд Аҳмад дуруст зикр мекунад, ки «дар ҳақиқат, воситаҳои ахбори омма бо он таъйиноту вазифаҳо ва имконоти фаровоне, ки барои иҷрои вазифаҳои худ доранд, дар ҳаёти башарият нақши муассир мегузоранд» (автореферат, с. 4).

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки пажӯҳиши мавриди назар аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ дар муқаддимаи автореферат ба андозаи зарурӣ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ шарҳ ёфтааст ва мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии пажӯҳиш ва аҳаммияти назарию амалии рисола мутобиқ ба меъёру талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Сарчашмаи асосии таҳқиқи довталаби дараҷаи илмиро маводди расонаҳои байналхалқӣ, хабару мусоҳибаҳои матбуоти даврӣ ва бахусус барномаҳои ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон» ташкил додааст. Дар

раванди иншои рисола диссертант аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (муҳтавоӣ) истифода кардааст.

Боби аввали диссертатсия – «Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ» аз ду фасл иборат буда, дар он заминаҳои пайдоиш ва таърихи таъсиси аввалин расонаҳои байналмилалӣ, фаъолияти як зумра агентиҳои иттилоотии байналхалқӣ ба монандӣ, «Гавас», «Франс Пресс», «Рейтер», «Ассошиэйтед Пресс», «Дойче Пресс-Агентур», «Сунхуа», ИРНА, радиоҳои байналхалқии Би-Би-Си, «Озодӣ» муайян карда шудааст. Дар фасли дуюми боби аввал таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таҳқиқ гардида, зарурати ташкили расонаи мазкур барои Олмон бо мисолҳои дақиқ шарҳ дода шудааст. Дар ин радиф фаъолияти намояндагии ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» дар Тоҷикистон аз назари муҳаққиқ дур намондааст, ки ин аҳаммияти пажӯҳишро барои фазои иттилоотӣ ва илмии кишвари мо боз ҳам наздиктар мекунад.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ» номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои муҳимме чун мушкилоти фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, роҳ ёфтани расонаҳои байналмилалӣ ба минтақа, фаъолияти бахши тоҷикӣ ва форсии радиоҳои Би-Би-Си ва «Озодӣ», мақоми расонаҳои мазкур дар фазои иттилоотии минтақа ва Тоҷикистон, инъикос ва шарҳи руйдодҳои Тоҷикистон дар онҳо бахшида шудааст. Масъалаҳои мазкур ба таври муфассал ва бо такя ба назариёти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, инчунин бо овардани мисолҳои мушаххас таҳлилу баррасӣ шудаанд. Бо таҳлили сохтор ва муҳтавои расонаҳо, мақсад ва мароми расонаҳои мавриди таҳқиқ муайян гардида, мавқеи онҳо нисбат ба рӯйдодҳои минтақавӣ, аз ҷумла рӯйдодҳои Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар боби сеюм – «Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»», ки фарогири ду фасл аст, аҳдоф, вазоиф, барномасозӣ дар «Мавҷи Олмон» ва истифодаи маводди он дар расонаҳои байналмилалӣ ва Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар ҳамаи фаслҳои боби мазкур андешаҳои судманду омӯзанда, диди интиқодӣ, истиқлоли андешаи диссертант ба мушоҳида мерасад, ки ин асоси кори илмиро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, зарур медонем, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ба нукоти зерин таваҷҷуҳ намоянд:

1. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки расонаҳои русӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ мақоми хосса доранд, аммо зимни

таҳқиқи фасли аввал ба расонаҳои байналмилалии Русия камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

2. Дар зикри номи расонаҳо шакли ягона риоя нашудааст. Масалан, дар саҳифаи 31 Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ҳам ба шакли АМИТ «Ховар» ва ҳам дар шакли «Ховар» оварда шудааст. Ҳамчунин, номи ширкати BBC дар ду шакл: Би-Би-Си, BBC навишта шудааст.

Ин камбудиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши илмӣ ва муҳтавои корро халалдор намекунанд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустамзода Д. А.

«30» марти соли 2026

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 31
Тел.: (+992) 988882646
E-mail: dilush1975@mail.ru

Имзои Рустамзода Д. А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Шокирзода М. А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 31
Тел.: (+992 37) 2275979; (+992 37) 2276569
E-mail: maruf-8585@inbox.ru

«30» марти соли 2026